# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна ба таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои назарӣ, таърихи пайдоиш ва такомули тадриҷии консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки таҳаввулу ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии устод Айнӣ арзишманд ва ибратпазир буда, диди ҳамосии воқеият, пайванди таҳқиқи илмӣ, публитсистӣ ва бадеиро падид оварда, арзиши осори нависандаро ба маротиб афзун гардонидааст. Илова бар ин, хусусиятҳои ҳунари чеҳранигории устод Айнӣ дар қолаби диссертатсия бори аввал таҳқиқ шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ арзишнок ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона буда, масъалаи консепсияи мушаххаси афкори адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ дар қаринаи муайяни таърихӣ ва ҷараёни насри муосири тоҷик бо диди тоза баррасӣ шуда, таъини фаъолияти адабии нависанда дар иртибот ба ҷанбаи ҳунарию фардияти эҷодӣ дар мисоли «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба ҳунари чеҳранигорӣ, дар омӯзиши осори ҳамгуни дигар адибони муосири тоҷик метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохту баррасии консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимояи такрорӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович** – доктори илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

– **Шамшоди Ҷамшед** – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимояи такрорӣ, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Маҳмадаминов А.С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Низомӣ М.З.

доктори илми филология, профессор Элбоев В.Ҷ.

«27» марти соли 2023.